Мисвок поккунандаи даҳон ва писандида назди Худованд аст

Аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Мисвок поккунандаи даҳон ва писандида назди Худованд аст".

[Саҳеҳ] [رواه النسائي وأحمد]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки мисвок задани дандонҳо бо чуби дарахти арок ва дарахтони дигари ҳаммонанди он, даҳонро аз чирк ва бӯйҳои нохуш пок мекунад. Мисвок задан яке аз сабабҳои хушнудии Парвардигор аст, ки дар он тоат аз Аллоҳ ва пайравӣ аз фармудаҳои Ӯ Таъоло аст, зеро покӣ ва назофат худ аз амалҳои маҳбуби Худованд аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3588